**Суратҷаласаи №5**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-050-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи **«Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) аз 08 июли соли 2025

Оғози ҷаласа $11^{00}$
Анҷоми ҷаласа $14^{00}$

Шумораи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 19 нафар тасдиқ карда шудааст. Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд (1 нафар – ба таври маҷозӣ иштирок намуданд).
***Раиси ҷаласа*** : д.и.т., дотсент Гафаров А.А.
***Иштирок намуданд***:

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Гафаров А.А. | д.и.т., дотсент, 6D080600 | раиси шурои диссертатсионӣ |
| 2 | Иброгимов Х.И. | д.и.т., профессор, 6D073300 | муовини раиси шурои диссертатсионӣ |
| 3 | Олимбойзода П.А. | н.и.т., 6D073300 | н.и.т., котиби илмии шурои диссертатсионӣ |
| 4 | Амонзода И.Т. | д.и.т., профессор, 6D072400 | аъзои Шуро |
| 5 | Аҳмадзода Б.Р. | д.и.т., дотсент, 6D080600 | аъзои Шуро |
| 6 | Буҳодуров Ш.Б. | д.и.т., профессор, 6D072400 | аъзои Шуро |
| 7 | Икромӣ Х.И. | д.и.т. 6D072400 | аъзои Шуро |
| 8 | Мирзозода Г.Х. | н.и.т., дотсент, 6D072400 | аъзои Шуро |
| 9 | Муҳиддинов А.Р. | д.и.б., профессор, 6D072700 | аъзои Шуро |
| 10 | Муҳиддинов З.К. | д.и.х., профессор, 6D072700 | аъзои Шуро |
| 11 | Набиев А.Г. | н.и.т. | аъзои Шуро |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | 6D073300 | |
| 12 | Сафаров М. | н.и.т., дотсент, 6D080600 | аъзои Шуро |
| 13 | Ҷабборов П.Н. | н.и.т., дотсент, 6D080600 | аъзои Шуро |
| 14 | Ҷалилов Ф.Р. | н.и.т., дотсент, 6D073302 | аъзои Шуро |
| 15 | Шарипова М.Б. | н.и.т., дотсент, 6D072700 | аъзои Шуро |
| 16 | Юлдашев З.Ш. | д.и.т., дотсент, 6D080600 | аъзои Шуро (иштироки маҷозӣ) |
| 17 | Яминзода З.А. | д.и.т., дотсент 6D073302 | аъзои Шуро |

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи **«Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ).

**Роҳбари илмӣ:**

**Рашидов Наим Ҷалолович**, доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд

**Мушовири илмӣ:**

**Буҳодуров Шукрулло Бурҳонович**, доктори илмҳои техникӣ, сарходими илмии шуъбаи механиконии кишоварзии Филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар вилояти Суғд.

**Муқарризони расмӣ:**

**Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб**, доктори илмҳои техникӣ, дотсент, собиқ муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, ҳозира - муовини Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Амиров Нуридин Ризвонович**, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзии Академияи илмии кишоварзии Тоҷикистон.

***Шунида шуд***:

Баромади Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи **«Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ).

***Баромад намуданд:***

**Аъзоёни Шурои диссертатсионӣ:** саволҳо аз ҷониби д.и.т., профессор Иброгимов Х.И., д.и.х, профессор Мухидинов З.Қ., н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х., н.и.т., дотсент Ҷабборов П.Н. ва д.и.т., дотсент Гафаров А.А. доир ба мазмуни рисолаи илмӣ дода шуданд. Довталаб ба саволҳо ҷавобҳои мукаммал ва пурмазмун гардонид.

**Роҳбари илмии довталаб** - доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд Рашидов Н. Ҷ. ба довталаб Масаидов Ҷ.Ғ. ва диссертатсияи ӯ тақризи мусбӣ дод.

Суханронии **котиби Шурои диссертатсионӣ** – н.и.т. Олимбойзода П.А. оид ба:

- хулосаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд ба кори диссертатсионии барои ҳимоя пешбинишуда;

- хулосаи мусбии ташкилоти тақриздиҳанда – хулосаи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи Шурои олимони Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзии Академияи илмии кишоварзии Тоҷикистон, протоколи № 5 аз санаи 29 майи соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Хулоса аз ҷониби раиси ҷаласа, н.и.т., дотсент Сафаров М. ва эксперт, н.и.т., дотсент Мироқилов Ҷ.Ҳ. имзо шуда, аз ҷониби Директори маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзии АИКТ Сафаров М. тасдиқ гардидааст.

**Тақризҳои мусбии воридшуда ба автореферат:**

1. Тақриз аз доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи давлатии аграрии Санкт - Петербурги ФР, профессор Огнев Олег Геннадьевич. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

2. Тақриз аз доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи Механизатсия ва автоматикунонии кишоварзӣ, Донишгоҳи давлатии аграрии Тошкент Тухтамишов Б.К. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

3.Тақриз аз н.и.т, Донишгоҳи технологии Алмаато Шамбулова Г.Д. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

4. Тақриз аз н.и.т., дотсенти кафедраи Механикаи амалӣ, физика ва педагогикаи муҳандисии Донишгоҳи миллии аграрии Қирғизистон ба номи К.И. Скрябин, Токтоналиев Б.С. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

5. Тақриз аз н.и.т., муовини директори генералии "ЧДММ Муосир" Сафаралиев М. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

6. Тақриз аз д.и.т., директори Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ Қодиров А.С. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

7. Тақризи н.и.к. директори Стансияи таҷрибавии хокшиносию мелиоративии Суғди Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ н.и.к., Қаробоев О.Ҳ. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст.

Баромади **муқарризи расмӣ** - доктори илмҳои техникӣ, дотсент, собиқ муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, ҳозира - муовини Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Аҳмадзода Бахромҷон Раҷаб.**

Ҷавоби довталаб ба эродҳои тақризи муқарризи якум – **Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб.**

Баромади **муқарризи расмӣ** - номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Амиров Нуридин Ризвонович.**

Ҷавоби довталаб ба эродҳои тақризи муқарризи дуюм **Амиров Нуридин Ризвонович.**

**Дар муҳокима аъзоёни Шурои диссертатсионӣ баромад намуданд:** н.и.т., дотсент Сафаров М., д.и.т., дотсент Юлдашев З.Ш., д.и.б., профессор Муҳидинов А.Р. ва н.и.т. Ҷабборов П.Н.

Дар баромади аъзоёни Шуро муҳимияти кори таҳқиқотӣ ва дурнамои он дар Тоҷикистон ва хориҷ аз кишвар қайд карда шуд. Бояд қайд намуд, ки мавзӯи мазкур айни замон хело ҳам бомаврди ва актуалӣ аст. Он ба ҳалли масъалаҳои рушди кишоварзӣ ва ниҳоятан расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишварамон ин ҳам бошад амнияти озуқаворӣ равона гардида аст. Мавзӯи диссертатсияи мазкур натанҳо аҳмияти озуқаворӣ - кишоварзӣ дорад, аҳмияти экологӣ-иқлимӣ дорад. Қайд карда шуд, ки довталаб моҳияти кори таҳқиқотии худро сатҳи баланд муаррифӣ намуда ба эроду камбудиҳои экспертҳо ҷавобҳои пурра гардонид. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифаш сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) аст.

Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳони комиссияи ҳисоб дар ҳайати д.и.т., дотсент Яминзода З.А., н.и.х., дотсент Шарипова М.Б., н.и.т., Ҷабборов П.Н. – интихоб гардид.

Раиси комиссияи ҳисобӣ, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Яминзода З.А. аз натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ оид ба сарфароз гардонидани довталаб ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ маълумот манзур намуд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонии аъзоёни шӯро: «Тарафдор» - 17, «Муқобил» – нест; «Бетараф» – нест.

***Қарори Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-050***:

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи **«Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор»** тибқи талаботи Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021 барои рисолаҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад, довталаб Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) сазовор ҳисобида шавад.

2. Ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тасдиқи хулосаи Шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор гардонидани Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) бо гувоҳнома муроҷиат карда шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА – 050, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Гафаров А.А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии
6D.КОА – 050, номзади илмҳои техникӣ Олимбойзода П.А.

Имзоҳои Гафаров А.А. ва Олимбойзода П.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати ДТТ Нусратулло Раҳматулло

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И КОНТРОЛЬ